**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ (734042, ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10а, www.ttu.tj)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович дар мавзуи «Такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт)**

Инфрасохтори нақлиётии мамлакат ба худ хос системаи мураккабу динамикиро касб намудааст, ки мутобиқан такмили механизмҳои мавҷуда ва коркарди механизмҳои нави идоракунии онро тақозо менамояд. Дар ин раванд ташкили шароити зарурӣ барои рушди баробару фаъолияти инфрасохтори нақлиётӣ дар тамоми минтақаҳои мамлакат ва бартарафсозии монеаҳои мавҷуда дар роҳи рушди он таҳияи стратегияи идоракунии миёнамуҳлат ва дарозмуддатро металабад. Системаи идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии кишвар бояд барои таъмини такрористеҳсолоти мунтазами ҷамъиятӣ шароити умумии зарурӣ фароҳам оварад ва истифодаи самараноки тамоми захираҳои истеҳсолии кишварро кафолат диҳад. Муҳимияти мавзуи таҳқиқотии диссертатсияи мазкурро таҳқиқи ҳамин масъалаҳо муайян мекунанд.

Дар автореферати диссертатсия қайд мегардад, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ инфрасохтори нақлиётии миллӣ ҳарчӣ бештар ба системаи нақлиётии байналмилалӣ ҳамгиро мешавад. Ин маънои онро дорад, ки системаи нақлиётии кишвар бояд дар сатҳе фаъолият кунад, ки ба меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ бошад, то ҳамкории самарабахш байни кишвар бо дигар кишварҳо таъмин гардида, сатҳи баланди идоракунӣ ва хизматрасонӣ нигоҳ дошта шавад. Пайваста бо шомил гаштани инфрасохтори нақлиётии кишвар ба ҷузъи муҳими инфрасохтори байналмилалӣ он бо якчанд проблемаҳои ҳалталаб рӯ ба рӯ шудааст, ки танзими ин самт вобаста ба талаботи муосири иқтисоди бозори Тоҷикистон ба таҳқиқоти мукаммал ниёз дорад.

Автореферати диссертатсия нишон медиҳад, ки тадқиқоти кори диссертатсионӣ аз ҷиҳати илмӣ, амалӣ ва сиёсати давлатӣ дорои аҳамияти баланд буда, ҳалли масъалаҳои дар он баррасишуда барои баланд бардоштани самаранокии инфрасохтори нақлиётӣ, беҳсозии хизматрасониҳо, рушди иқтисоди миллӣ ва таҳкими имкониятҳои транзитии

кишвар муҳим мебошад. Натиҷаи таҳқиқоти мазкур дорои навгонӣ ва ҷавобгӯи талаботи замони муосир аст.

Аз автореферати диссертатсия дида мешавад, ки асосноккунии илмӣ-назариявии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ дар системаи муносибатҳои иқтисодӣ, ки ҳамчун инфрасохтори иқтисодиёти мамлакат барои рушди самараноки иқтисодиёт ва иҷтимоиёти кишвар шароитҳои умумии зарурӣ фароҳам меорад, дар кори мазкур амалӣ гардидааст. Мушаххас карда шудааст, ки системаи идоракунии инфрасохтори нақлиётӣ, аз як тараф, чун қисмати инфрасохтори хоҷагии халқ ва аз ҷониби дигар, ҳамчун қисмати ташкилии серсоҳа – комплекси нақлиётӣ баррасӣ мегардад. Барои идоракунии самаранок инфрасохтори нақлиёт сохторбандӣ ва гурӯҳбандӣ шудааст, ки бар асоси таҳқиқоти гуногуни мутахассисони ватанӣ ва хориҷӣ дар пояи меъёрҳои мухталиф иҷро гардидаанд.

Дар баробари ин дар автореферати кори диссертатсионии мазкур агар диссертант дар баробари дар сатҳи зарурӣ асосҳои назариявии идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётиро дар шароити иқтисодиёти бозорӣ мавриди таҳқиқ қарор додан хусусиятҳо ва проблемаҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётиро дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон равшан нишон медод, он гоҳ мазмуни кор боз ҳам бой мегашт.

Вале ин камбудии ошкоргардида ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия таъсир намерасонад ва аҳамияти илмию амалии онро паст намекунад.

Диссертатсияи Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович дар мавзуи «Такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмии ба анҷом расондаи муаллиф мебошад, ки дорои ҷанбаҳои илмӣ ва амалии нави проблемаи таҳқиқшаванда аст. Вай ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи номзадӣ ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт) сазовор мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Самандарзода И.Ҳ.

Суроғаи донишгоҳ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Тел.+992935014316. E.mail: iskandar-s@mail.ru

Имзои д.и.и., профессор Самандарзода И.Ҳ. – ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳо Қурбонзода А.Х.

23.12.2025с.

**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ (734042, шаҳри Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10а, www.ttu.tj)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович дар мавзуи «Такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт)**

Такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самти муҳими системаи идоракунии иқтисодиёти мамлакат барои нигоҳ доштани мувозинати ҳадафҳои стратегии мамлакат ва татбиқи барномаҳои рушди иқтисодӣ мебошад. Муҳимияти таҳқиқоти диссертатсионии Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович дар он аст, ки ба таҳқиқи ҳамин масъалаҳо бахшида шудааст.

Муаллиф дар автореферати диссертатсия дар раванди тадқиқотҳои гузаронидашудаи худ ҷанбаҳои методӣ ва роҳҳои такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намудааст. Дар кор такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъкид намуда, мавқеи рушди инфрасохтори нақлиётиро дар раванди татбиқи ҳадафҳои олии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор намудааст.

Аз автореферати диссертатсия дида мешавад, ки диссертант ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои назариявии мавзуи таҳқиқотӣ ба хулосае омадааст, ки инфрасохтор бо нишонаҳои асосии худ барои рушди истеҳсолот ва таъмини фаъолияти бомуваффақияти он шароитҳои умумии зарурирo месозад. Аз ҷумла муаллиф қайд менамояд, ки инфрасохтори нақлиётӣ ҳамчун унсури калидии иқтисодиёт шароитҳои умумии заруриро барои рушди муносибатҳои бозаргонӣ фароҳам меорад. Унсурҳои инфрасохтор на танҳо дар дохили кишвар, балки бо шарикони хориҷӣ низ ба ҳам пайванд мебошанд, ки ин ба рушди ҳам тиҷорати дохилӣ ва ҳам байналмилалӣ мусоидат менамояд.

Диссертант дар автореферати диссертатсия амсилаи раванди ташаккул ва татбиқи стратегияи рушди инфрасохтори нақлиётиро таҳия намудааст ва ба андешаи ӯ ҳадафи асосии стратегияи мазкур дар он аст, ки системаи инфрасохтори нақлиётии кишвар на танҳо ниёзҳои ҷории

аҳолиро қонеъ менамояд, балки ба рушди дарозмуддати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат чунин камбудӣ ба назар мерасад, ки муалиф дар автореферат динамикаи маҷмуи маҳсулоти минтақавиро таҳия намудааст, аммо шарҳи динамика дар матни автореферат вуҷуд надорад.

Вале ин камбудии номбаргардида қимати назариявӣ ва амалии таҳқиқоти кори диссертатсиониро паст намекунад.

Автореферати диссертатсияи Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович дар мавзуи «Такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шаҳодат медиҳад, ки кори диссертатсионии иҷро шуда натиҷаи фаъолияти таҳқиқоти илмии мустақилона ба анҷом расонидаи муаллиф мебошад. Диссертатсия ба талаботҳои Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи номзадӣ ҷавобгӯй аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт) мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи
системаҳои иттилоотии ДМТ Шамсзода Илёсҷон Сафар

Имзои Шамсзода И.С.- ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17,
Тел: (+992) 918788938,
E-mail: Snamsov1976@mail.ru,
Сомона: https://tnu.tj/
“24” ____12____ 2025с.

**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ (734042, шаҳри Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10а, www.ttu.tj)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович дар мавзуи «Такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт)**

Дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар сохтори дуруст амалкунандаи инфрасохтори нақлиётӣ мутобиқи талаботи муосири иқтисодиёти бозорӣ нақши муҳим мебозад. Инфрасохтори нақлиётӣ барои қонеъ кардани ниёзҳои ҳудудҳои муайян, махсусан талаботи бизнес ва аҳолӣ, фаъолият мекунад. Барои ин зарур аст, ки системаи инфрасохтори нақлиётӣ тавре вуҷуд дошта бошад, ки ба ҷомеа самаранок хизмат расонида, ба талаботи он ҷавобгӯй бошад. Мавзуи таҳқиқотии диссертатсияи мазкур ба ҳамин масъалаҳо бахшида шудааст, ки муҳимияти кори диссертатсиониро нишон медиҳад.

Дар автореферати диссертатсия нишон дода мешавад, ки рушди инфрасохтори нақлиётӣ бо васеъшавии истеҳсолот, беҳтаршавии тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва фаъолшавии мубодилаи мол алоқаманд аст. Инфрасохтори нақлиётӣ барои ҳамаи соҳаҳои дигари фаъолияти иқтисодӣ шароитҳои умумии зарурӣ месозад ва дар пешрафта онҳо нақши калон мебозад.

Муаллиф дар автореферати диссертатсия қайд мекунад, ки механизмҳои ташкилию иқтисодии идоракунии инфрасохтори нақлиётӣ вобаста ба гуногуншаклии моликият дар соҳа хусусиятҳои хосро гирифтаанд ва муносибатҳои бозаргонӣ байни ташкилоти инфрасохтори нақлиётӣ ва мизоҷон бо такя ба принсипҳои иқтисодиёти бозорӣ ба роҳ монда мешаванд. Инчунин таҳқиқот нишон додааст, ки корхонаҳои инфрасохтори нақлиётӣ нисбат ба дигар корхонаҳои иқтисодӣ зудтар рушд меёбанд. Чунин рушди суръатноки инфрасохтори нақлиётӣ барои қонеъ кардани талаботи соҳибкорӣ ба хизматрасониҳои босифат зарур аст. Ин ба зиёд шудани ҳаҷми боркашонӣ мусоидат намуда, ба рушди иқтисодӣ суръат мебахшад ва фаъолияти корхонаҳоро самараноктар мегардонад.

Аз автореферати диссертатсия дида мешавад, ки тадқиқоти мазкур аз ҷиҳати илмӣ, амалӣ ва сиёсати давлатӣ дорои аҳамияти баланд буда, ҳалли масъалаҳои дар он баррасишуда барои баланд бардоштани самаранокии инфрасохтори нақлиётӣ, беҳсозии хизматрасониҳо, рушди

иқтисоди миллӣ ва таҳкими имкониятҳои транзитии кишвар муҳим мебошад. Таҳқиқоти кори диссертатсионӣ дорои навгониҳо ва пешниҳодҳои аҳамияти амалӣ дошта мебошад.

Новобаста ба дастовардҳои баланди илмӣ ва амалӣ, ба назари мо, агар муаллиф дар автореферати диссертатсия омилҳои таъсиррасон ба идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётиро, ки мавриди таҳқиқ қарор додааст дар расми алоҳида бо алоқамандии байни якдигариашон нишон медод, он гоҳ кор боз ҳам айёнтар мегардид.

Аммо эроди гирифташуда мантиқан барои беҳбуди минбаъдаи таҳқиқотӣ дониста мешавад ва ба мазмуну мундариҷаи кор таъсири манфӣ нарасонида қимати илмӣ ва амалии кори диссертатсиониро паст намекунад.

Диссертатсияи Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович дар мавзуи «Такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмии ба анҷом расондаи муаллиф мебошад, ки дорои ҷанбаҳои илмӣ ва амалии нави проблемаи таҳқиқшаванда аст. Диссертатсияи Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи номзадӣ ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт) сазовор мебошад.

**Тақризҳдиҳанда:**
н.и.и., муаллими калони кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Файзуллоева С.Ҷ.

Имзои Файзуллоева С.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДМИТ Мирҷамолов М.А.

**Суроға**:
734067, ҶТ, ш. Душанбе
к. Нахимов 64/14
Тел: +992 981010620
E-mail: fayzulloeva.s80@mail.ru
Сомона: www.tgfeu.tj

25.12.2025

Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ (734042, ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10а, www.ttu.tj)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович дар мавзуи «Такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори наклиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти наклиёт)**

Дар шароити муосири рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи такмили механизмҳои идоракунии инфрасохтори нақлиётӣ аҳамияти хоссаи илмӣ ва амалӣ касб намудааст. Инфрасохтори нақлиётӣ ҳамчун ҷузъи муҳими иқтисоди миллӣ на танҳо интиқоли самараноки молу хизматрасониҳоро таъмин менамояд, балки барои таҳкими ҳамгироии минтақавӣ, рушди соҳибкорӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт заминаи устувор фароҳам меорад. Муҳимияти кори диссертатсионии Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович дар мавзуи «Такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори наклиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар он аст, ки ба таҳқиқи ҳамин масъалаҳо бахшида шудааст.

Муаллиф дар автореферати диссертатсия бо истифода аз усулҳои муосири таҳлилӣ ва равишҳои илмӣ масъалаҳои назариявӣ ва амалии идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётиро мавриди омӯзиши амиқ қарор додааст. Дар раванди тадқиқот вобастагии рушди инфрасохтори нақлиётӣ аз самаранокии механизмҳои идоракунӣ асоснок карда шуда, нақши он дар татбиқи стратегияҳои дарозмуддати рушди иқтисодии кишвар нишон дода шудааст.

Дар автореферат дуруст таъкид мегардад, ки инфрасохтор ҳамчун пояи умумии фаъолияти иқтисодӣ шароити зарурӣро барои рушди устувори истеҳсолот ва бозорҳо фароҳам месозад. Ба андешаи диссертант, инфрасохтори нақлиётӣ омили калидии ташаккули робитаҳои иқтисодии дохилӣ ва берунӣ буда, ба густариши ҳамкориҳои иқтисодии байналмилалӣ ва афзоиши гардиши савдо мусоидат менамояд.

Диққати махсус ба масъалаҳои банақшагирӣ ва татбиқи стратегияҳои рушди инфрасохтори нақлиётӣ зоҳир гардидааст. Модели пешниҳоднамудаи муаллиф ҷараёни ташаккул ва амалисозии стратегияи

рушди инфрасохтори нақлиётиро инъикос намуда, аҳамияти ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлатӣ, бахши хусусӣ ва ҷомеаро дар ин раванд нишон медиҳад. Ин равиш ба таъмини рушди устувор ва мутобиқшавии системаи нақлиётӣ ба талаботи иқтисоди миллӣ равона гардидааст.

Дар баробари натиҷаҳои баланди соҳиб шуда дар автореферат баъзе норасоӣ ба назар мерасанд. Масалан, дар қисматҳои алоҳидаи таҳлил маълумоти тасвирӣ пурра бо шарҳи матнӣ ҳамоҳанг мегардид мазмуни кор боз ҳам баланд мешуд.

Вале ин камбудии зикршуда ба натиҷаҳои умумии илмӣ ва арзиши амалии таҳқиқот таъсири ҷиддӣ намерасонад ва қимати илмӣ ва амалии кори иҷро шударо паст намекунад.

Диссертатсияи Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович бо сатҳи баланди илмӣ таҳия гардида, навовариҳои назариявӣ ва пешниҳодҳои амалӣ дорад, ки метавонанд дар равандҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд. Кори диссертатсионии пешниҳодшуда ба талаботи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт) мебошад.

Муқарриз:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди
ҷаҳони Донишгоҳи славянии Русся ва
Тоҷикистон — Раҳматзода Ҳайдар Бобо

Имзои Раҳматзода Ҳ.Б.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи славянии
Руссия ва Тоҷикистон — Исмоилова М.Н.

УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи М.Турсунзода 30.
Тел: (+ 992 37) 2 27 15 71; (+992) 907 75 39 81
E-mail: haydarbobo57@mail.ru

26.12.2025

**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ (734042, шаҳри Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10а, www.ttu.tj)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович дар мавзуи «Такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт)**

Гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ ба ташаккули гуногунии бозорҳо, пайдоиши субъектҳои нави иқтисодӣ ва субъектҳои нави бозор мусоидат кард. Ин ба тақсими самараноки бештари захираҳо ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ кӯмак намуд. Бозорҳо ба рушди талаботи истеъмолкунандагон бештар фаъолона таъсир расониданд. Вобаста ба инҳо зарурияти такмил додани механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба миён омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович ба ҳамин масъалаҳои муҳим бахшида шудааст ва ин муҳимияти кори таҳқиқоти диссертатсиониро муайян мекунад.

Муаллиф дар автореферати диссертатсия қайд мекунад, ки моҳияти инфрасохтори нақлиётӣ ҳамчун объекти идоракунӣ дар системаи нақлиёт таҳқиқ карда мешавад. Бо пайваст кардани шабакаҳои роҳҳо, воситаҳои техникӣ ва хизматрасониҳо дар иқтисодиёти кишвар, ки унсурҳои инфрасохтори нақлиёт мебошанд, системаи нақлиётро ташкил медиҳанд. Рушди самараноки инфрасохтори нақлиётӣ нақши ҳалкунандаро дар идоракунии ин системаи ягона мебозад.

Аз автореферати диссертатсия дида мешавад, ки бо таъсири инфрасохтори нақлиётӣ механизми мураккаб барои ҳамоҳангсозии истифодабарии захираҳои моддӣ, иттилоот ва хизматрасонӣ дар рушди иқтисодиёт таъмин мегардад. Бо кам кардани хароҷот ва баланд бардоштани сифати кори инфрасохтори нақлиётӣ корхонаҳо дар бозорҳои дохилӣ ва байналмилалӣ метавонанд рақобатпазирии моли худро нигоҳ доранд.

Диссертант дар автореферати кори диссертатсионӣ ҷанбаҳои муҳими рушди инфрасохтори нақлиётиро муайян кардааст. Сохтмон ва ба истифода додани роҳҳои байналмилалии автомобилӣ, ки минтақаҳои кишварро бо ҳам пайваст мекунанд ва яке аз намудҳои асосии инфрасохтори нақлиёт ба ҳисоб меравад, дар рушди фаъолияти самараноки нақлиёти мамлакат нақши калидӣ мебозанд. Аниқ карда

шудааст, ки дар натиҷаи таъсири омилҳо ба идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ натиҷагирии кори нақлиёт баланд шуда, ба динамикаи афзоиши иқтисодиёти кишвар ва рушди натиҷаҳои ислоҳоти иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат шароитҳои умумии зарурӣ фароҳам меоранд.

Дар автореферати диссертатсия пешинҳодҳои илмии дар чаҳорчӯбаи таҳқиқи масъалаҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ ифодаёфта ба асосноккунии назариявӣ ва амалии вазифаҳои мубрам дар соҳаи иқтисодиёти кишвар равона карда шудаанд. Онҳо метавонанд ҳамчун маводи аввалия барои такмилдиҳии идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии мамлакат истифода шаванд.

Дар баробари натиҷаҳои баланди дар автореферат оварда шуда, дар кор роҳҳои такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд, вале дар баъзе расмҳои овардашуда иқтибос нест.

Аммо ин камбудӣ моҳияти кори таҳқиқотӣ ва қимати илмӣ ва амалии кори диссертатсиониро паст намекунад.

Диссертатсияи Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович таҳқиқоти илмии мустақилона ба анҷом расонидаи муаллиф мебошад, ки дорои натиҷаҳои илмӣ ва амалии нав аст. Он ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи номзадӣ ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт) сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
дотсент, вакили Маҷлиси
намояндагони Маҷлиси
Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **Ғоибназарзода С.М.**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 42.
Телефон: +992 988 20 45 45,
Почтаи электронӣ: ssssaid1985@mail.ru.
«27» 12 соли 2025

Имзои С.М. Ғоибназарзодаро тасдиқ мекунам:

Сардори Шуъбаи кадрҳо ва
коргузории махсуси Дастгоҳи
Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Ф.С.